ҚАРОРИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

аз «02» апрели соли 2026 ш. Душанбе

Суханронии Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои даврияти гидрологии маҷрои дарёи Кофарниҳон дар шароити тағйирёбии иқлим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D061000 - Гидрология (6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захирахои обӣ, гидрохимия), тақризи муассисаи пешбар - Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон, суханронии муқарризони расмӣ – доктори илмҳои география, профессор, профессори кафедраи «Методикаи таълими география ва туризм»-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Муҳаббатов Х.М., номзади илмҳои техникӣ, ходими пешбари шуъбаи экспедитсионӣ ва корҳои саҳроии Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» Наврузшоев Ҳ.Д., муқарризони ғайрирасмӣ – доктори илмҳои техникӣ, профессор Ҳақдод М.М., доктори илмҳои техникӣ Носиров Н., доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Пулатов Я.Э. ва доктори илмҳои техникӣ Гулаҳмадзода А.А. шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич

ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои даврияти гидрологии маҷрои дарёи Кофарниҳон дар шароити тағйирёбии иқлим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D061000 - Гидрология (6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захирахои обӣ, гидрохимия) ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D061000 - Гидрология (6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захирахои обӣ, гидрохимия) дода шавад;

4. Барои додани дипломи доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D061000 - Гидрология (6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захирахои обӣ, гидрохимия) ба Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 11 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои техникӣ Гулаҳмадзода А.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои техникӣ Шаймурадов Ф.И.